**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қозизода Шӯхратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ**

Таҳқиқи масъалаҳои вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои муҳимми таърихнигории муосири ватанӣ мебошад, ки моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Вобаста ба ин, автореферати диссертатсияи Қозизода Шӯхратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», ба таҳқиқи таърихи ташаккулёбӣ ва рушди яке аз ноҳияҳои аграрӣ – саноатии кишвар дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он дар давраи Истиқлол бахшида шуда, дар таърихнигории муосири Тоҷикистон масъалаи мазкур дар шакли диссертатсия мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст ва ин мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқ мебошад.

Тавре аз автореферат бармеояд диссертатсияи Қозизода Шӯхратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва заминаҳои методологӣ, меъёрӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, доираи хронологии таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии рисола, арзиши амалии рисолаи диссертатсионӣ, ҳамзамон, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби аввали рисола - «Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ», ки аз ду зербоби алоҳида иборат мебошад, ба омилҳо ва сабабҳои асосии азхудкунии заминҳои нав ва муҳоҷир

намудани сокинони Кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин ва ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳ бахшида шудааст.

Боби дуюми рисола – «Ноҳияи Масчоҳ ва рушди он дар замони шуравӣ (1955-1991)», ки низ аз ду зербоб иборат мебошад, ва дар он масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ бахшида шуда, рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия Масчоҳ дар солҳои 1955-1991 баррасӣ гардидааст.

Боби сеюми рисола- «Ноҳияи Масчоҳ дар замони истиқлол (1991-2021)» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар он масъалаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ноҳияи Масчоҳ, пешрафти иқтисодиёти ноҳия, махсусан рушди корхонаҳои саноатӣ, ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ташкилшавии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд.

Дар маҷмуъ дар автореферати диссертатсия таҳқиқи тамоми ҷанбаҳои вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, хулосаҳои муаллиф дар қисмати ҷанбаҳои мусбии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия муайян карда шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия ва тавсияҳои амалии он андешаҳои ҷамъбастии муаллиф нисбати мавзуъ инъикос гардида, пешниҳодҳои ӯ ба асосноккунии маводи назариявӣ асос ёфтааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ комил ва илмӣ мебошад. Аз шиносоӣ бо автореферати рисолаи доктори фалсафа (PhD) бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки таҳрири онҳо ба манфиати такмили минбаъдаи он мебошад.

Новобаста ба баъзе камбудиҳои ҷузъӣ автореферати рисолаи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-

иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)» кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад.

Атореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи рисола Қозизода Шӯҳратҷон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:** сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, и.в. профессор Б. П. Ализода

Имзои Б. Ализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. А.Н. Насурдинзода
«25» 08 с. 2026

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mai.ru